Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-48-и назди
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
(735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Ибрагимов Одилҷон Комилҷонович дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)**

*Дар ибтидои диссертатсия* муаммои таълими мултимедиавӣ, аҳамияти он дар таълими имрӯза, мубрамият ва муҳиммияти масъалаи омӯхташаванда асоснок карда шудааст ва нуктаҳои асосии дигари диссертатсия оварда шудаанд.

*Боби якуми диссертатсия* «Асосҳои таърихии воридшавии технологияҳои мултимедиавӣ – ҳамчун воситаи нави таълим ва мавқеи он дар иттилоотикунонии ҷараёни таълим» ном дошта, аз се фасл иборат аст.

*Фасли якуми боби аввали диссертатсия* «Иттилоотикунонии ҷамъиятӣ ва таъсири он ба методҳои таълим» номгузорӣ шудааст. Қайд мегардад, ки «Яке аз иқдомоти пешбарандаи ҷомеаи иттилоотӣ ин инкишофи технологияҳои мултимедиавӣ ва татбиқи онҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ мебошад». Барои татбиқи он бошад, бояд пеш аз ҳама ҷараёни таълим бо ТМ таъмин бошад, ки воситаи иттилоотонидани таълим аст. Яъне, иттилоотикунонии таълими муосир бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ сурат гирифта, ҷузъи таркибии онро технологияҳои мултимедиавӣ ташкил медиҳанд. Сарфи назар аз он, ки ТМ дар ибтидои пайдоиши хеш ба соҳаи маориф нигаронида нашуда буд, вале ин низом аз имкониятҳои васеи ТМ ба таври мустақилона истифода намуда, татбиқи онро дар ҷараёни таълим дар сатҳи баланд таъмин намуд.

*Фасли дуюми боби аввали диссертатсия* «Мафҳуми мултимедиа ва ҷиҳатҳои таърихии татбиқи он» номида шуда, дар он мафҳуми «мултимедиа» аз нуқтаи назари таърихӣ ва имрӯза баҳо дода шудааст. Қайд мегардад, ки мултимедиа – ин ҷамъи технологияҳое мебошад, ки ба компютер имконияти кор бо иттилооти намудҳои графикӣ, матнӣ, аниматсиавӣ, намоишӣ, овозӣ ва мусиқиро фаро меоварад.

*Фасли сеюми боби аввали диссертатсия* «Максадҳои дидактикии таълими мултимедиавӣ» бо он мақсад номгузорӣ шудааст, ки дар ин фасл оид ба «ТМТ ҳамчун воситаи дидактикии таълим» баҳо дода мешавад.

Дар хақикат, дидактика ҳамчун бахши педагогика дар бораи назарияи таълим ва тарбияи инсон баҳс менамояд, яъне таълим объекти асосии дидактика аст ва он воситае, ки ҷараёни азхуднамоии дарсро метезонад, воситаи дидактикии таълим номида мешавад.

*Боби дуюми диссертатсия* «Технологияҳои мултимедиавии таълим ва масъалаҳои татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон» номида шуда, аз 3 фасл иборат аст.

*Фасли якуми боби дуюми диссертатсия* «Масъалаҳои марбут ба таъминоти технологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон» номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл масъалаҳои асосии истифодаи ТМТ пешниҳод гардида, нишон дода шудааст, ки Интернет ҳамчун воситаи асосии дастрас намудани маҳсулоти мултимедиавии таълим ба ҳисоб меравад. Дар фасл камбудиҳое нишон дода мешаванд, ки садди роҳи таълими мултимедиавӣ мегарданд.

*Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия* «Талабот ба таҷҳизоти мултимедиавии ҷараёни таълим» номида шудааст. Дар он талабот ба ҷиҳозонидани кабинети информатика бо таҷҳизотҳои мултимедиавӣ қайд гардида, оид ба воситаҳои мултимедиавии стандартии дар МТОК-и вилояти Хатлон васеъ истифодашаванда маълумот дода мешавад.

*Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия* ба мавзуи «Барномаҳои таълимӣ - мултимедиавии ҷараёни таълим» бахшида шуда, мавқеи барномаҳои назоратӣ-таълимӣ, намоишӣ-таълимӣ ва маводҳои электронӣ-таълимӣ (китобҳои электронӣ) дар таълим баҳо дода шуда, бартарии истифодаи онҳо пешниҳод мегардад.

*Боби сеюми диссертатсия* «Методикаи татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим ва таҷрибагузарониҳо оид ба самаранокии онҳо» номгузорӣ шуда, аз 7 фасл иборат аст.

*Фасли якуми боби сеюм* «Татбиқи барномаи Bandicam дар омода намудани маҳсулоти мултимедиавӣ» ном дошта, ба методикаи сохтани маҳсулоти намоишии таълим бахшида шудааст.

*Фасли дуюми боби сеюми диссертатсия* «Методҳои ҳозираи назоратии ҷараёни таълим ва мавқеи барномаҳои назорати компютерӣ ва тестиронӣ дар таълими имрӯза» номида шуда, дар он оид ба самаранокии методҳои назорати компютерӣ маълумот дода мешавад. Қайд карда мешавад, ки самаранокии назорати компютерӣ ба он вобаста аст, ки он тамоми маводи таълимиро фаро гирифта ва «шахси беғараз» ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи

истифодаи тестиронии компютерӣ, ки дар шакли намоиш сурат мегирад, донишҳои ҳақиқии субъекти таълимӣ аён мегарданд, зеро он бали интизом, сару либос, иштирок ва дигар намуди ҳавасмандиҳоро надорад, аз ин рӯ, баҳоеро, ки компютер мегузорад, объективӣ ё ҳақиқӣ меноманд.

Дар ин фасл методи созиши тестҳои компютерӣ бо ёрии барномаи тестсозии EasyQuizzy барои фанни «Барномасозӣ дар забонҳои дараҷаи олӣ» (расми 3) пешниҳод мегардад, ки бевосита дар ҷараёни таҷрибагузарониҳо истифода шудааст.

*Фасли сеюми боби сеюми диссертатсия* «Хусусиятҳои татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар таълими фанни математика» номида шудааст. Мақсади асосии ТМ муайян карда шуда, хусусиятҳои фарққунандаи дарси мултимедиавии математикӣ аз дигар фанҳо баён карда мешавад. Маълум аст, ки яке аз соҳаҳои татбиқи компютер дар математика ин методи ҳалли масъалаҳо бо ёрии барномаҳои компютерӣ мебошад.

*Фасли чоруми боби сеюми диссертатсия* «Методикаи татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар омӯзиши фанҳои математикӣ ва хулосаҳо оид ба ин дарсҳо» номида шуда, дар он намунаи дарсҳои мултимедиавии математикӣ баррасӣ гардида, инчунин, сохтори дарси мултимедиавӣ пешниҳод мегардад.

*Фасли панҷуми боби сеюми диссертатсия* «Мавқеи бозиҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим ва методикаи омӯзиши он барои донишҷӯёни ихтисоси методикаи таълими ибтидоӣ» ном дорад.

Бозӣ ҳамчун яке аз методҳои таълим баҳо дода шуда, бо истифода аз якчанд бозиҳои мултимедиавии математикӣ бо номҳои «*Рангкунӣ аз рӯйи рақамҳо»* ва «Тарҳ» раванди дарси математика ташкил ва пешниҳод карда мешавад.

*Фасли шашуми боби сеюми диссертатсия* «Натиҷаи назарсанҷии омӯзгорон ва донишҷӯён дар мавзуи «Маданияти иттилотии онҳо ва татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар таълим» номида шудааст. Оид ба татбиқи ТМ дар таълими омӯзгорон ва донишҷӯёни ду МТОК-и вилояти Хатлон назарсанҷӣ гузаронида шуданд. Дар ҷараёни назарсанҷӣ 50 нафар донишҷӯёни курсҳои 3-юми ихтисосҳои информатика ва системаҳои автоматикунонидашуда, 30 нафар омӯзгорони фанҳои информатика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 50 нафар донишҷӯён ва 30 нафар омӯзгорони факултети табиӣ-риёзӣ ва рушди неруи инсонии Донишгоҳи давлатии Данғара ширкат варзиданд.

*Ҳадафи асосии тадқиқоти диссертатсионӣ* пешниҳод намудан ва асосноккунии методикаи таълим бо истифода аз ТМ ва таҳияи методологияи

ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар таълими омӯзгорони оянда иборат мебошад.

*Саҳми шахсии довталаб* дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар ҳаллу фасли мавзуъ, таҳқикоти назариявӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба мафҳуми мултимедиа ва таҳқиқи таърихии он, таҳияи методҳои дарси мултимедиавӣ, доир кардани озмоиши педагогӣ, сохтани аёниятҳои таълимӣ ва татбиқи онҳо дар ҷараёни таълими озмоишӣ, таҳияи саволномаҳои тестӣ барои фанҳои таълимӣ, озмоиш, таҳлил, хулосаҳо ва ҷамъбаст ифода ёфтааст.

*Навгониҳои илмии тадқиқот:* бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои методии таълими мултимедиавӣ мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст; мафҳуми таълими мултимедиавӣ шарҳ дода шуда, нақши технологияҳои мултимедиавӣ дар дигаргуншавии методикаи таълим нишон дода шудааст; муайян карда шудааст, ки асосҳои методии татбики технологияҳои мултимедиавиро дар ҷараёни таълим таъминоти мултимедиавӣ, салоҳиятҳои иттилоотӣ ва методии омӯзгор ташкил медиҳанд; нишон дода шудааст, ки технологияҳои мултимедиавӣ дарсро бо аёният ва намоишномаҳои таълимӣ таъмин менамоянд; муайян карда шудааст, ки технологияҳои мултимедиавӣ чун яке аз намудҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ роҳ ёфта, таъмини омӯзиши он бар дӯши на фақат омӯзгорони фанҳои информатика, балки бар дӯши омӯзгорони ҳамаи фанҳост; нишон дода шудааст, ки маданияти иттилооти (салоҳиятҳо)-и омӯзгор барои иттилоотонидани таълим муҳим мебошад; омилҳое ошкор карда шудааст, ки барои ташкили рафти методии таълими мултимедиавӣ халал мерасонанд; бори нахуст хусусиятҳои татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар дарси математика баррасӣ карда шудааст; нишон дода шудааст, ки санҷиши ҷараёни таълим бо татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ самараноктар аст; татбиқи журнали электронӣ дар раванди таълим асоснок карда шудааст; ҳолатҳои татбиқи телефони мобилӣ дар раванди таълим пешниҳод карда шудааст; методҳои истифодаи барномаҳои дарс-намоишсозӣ ва компютерӣ-назоратии натиҷаи дониши субъекти таълимӣ пешниҳод ва роҳҳои созиши маҳсулоти мултимедиавии таълим баррасӣ карда шудааст.

*Аҳамияти амалии тадқиқот.* Қисми назариявии таҳқиқотро омӯзиши аҳамияти татбики ТМ ва хусусиятҳои фарққунандаи он дар ҷараёни таълими дилхоҳ фанни таълимӣ дар бар мегирад, ки аз ин маълумот омӯзгорон барои омода намудани маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои корӣ ва муайян намудани самти фаъолияти таълимии худ истифода намуда метавонанд.

Методҳои хусусии таълим ва усулҳои истифодаи барномаҳои мултимедиавӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, самаранокии ҷараёни таълимро баланд мебардоранд. Аз ин рӯ, омӯзгорони фанҳои гуногун ва донишҷӯёни ихтисосҳои омӯзгорӣ барои баланд бардоштани самаранокии таълим аз технологияи мултимедиавӣ ва усулҳои пешниҳодгашта ба таври васеъ истифода менамоянд.

Натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст оварда шуда, ба дастовардҳои олимони соҳаи методикаи таълим ва информатика дар саросари ҷаҳон такя мекунад. Аз ин равия дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст: нақши технологияҳои мултимедиавӣ дар баланд бардоштани сифати таълим; таҳлили асосҳои методии ҷараёни таълим дар чаҳорчӯбаи истифода аз технологияҳои мултимедиавӣ; мутобиқати вазифаҳои гузошташуда бо методҳои таҳқиқот; иштироки диссертант дар иҷрои корҳои таҷрибавӣ; нишон додан ва собит намудани бартарияти методикаи таълими мултимедиавӣ; асосноккунии асосҳои методии ҷараёни таълим, натиҷаи озмоишҳои педагогӣ.

Бо баробари муваффақиятҳо дар рисола каме норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Хуб мешуд агар дар дисертатсия аз забонҳои барномасозии навин истифода бурда мешуд, аз қабили Visual Basic, C++ ва Python.
2. Дар фасли 2.2.-и диссертатсия мушаххастар мешуд, хуб мебуд, ки масалан дар асоси чӣ, дар куҷо ва кадом барнома талабот гузошта шудааст.
3. Хуб мешуд, агар мафҳуми *мултимедиа* бо *чандрасонаӣ* иваз мешуд.
4. Дар диссертатсия оид ба корҳои олимони ватанӣ қайд шудааст, вале кори мазкур бо корҳои онҳо дар муқоисаи васеъ қарор нагирифтаанд.
5. Ҳам дар автореферат ва ҳам дар рисола баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса**. Натиҷаҳои илмии тадқиқоти мазкур муҳтавои асосии соҳаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) пурра мувофиқ буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илмҳои педагогика, методикаи таълими информатика ба таҳлили назариявӣ ва амалии робитаҳои системавӣ ва қонуниятҳои коркарду корбурди объектҳои мураккаби тадқиқотӣ – системаҳои таҳсилотию иттилоотӣ ва махзанҳои маълумот, ки бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ба асосноккунии

назариявии ташкили методӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва болобарии самаранокии идоракунии сифати таълим бахшида шудааст.

Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадкиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тарик, диссертатсияи Ибрагимов Одилҷон Комилҷонович дар мавзӯи «Асосҳои методии татбики технологияҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояви Хатлон)» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика), сазовор мебошад.

**Такриздиҳанда:**

доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессор
мудири кафедраи барномасозӣ ва низомзои зеҳнии
МДТ «Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон» Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5.
Тел: (+992) 915-69-88-88;
E-mail: aziz69@mail.ru

Имзои Мирзоев А.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Ш.Н. Ҷураев